КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

735140, ш.Душанбе. к.Шевченко, 39,
*тел.: (+992-37) 227-00-09, факс: (+992-37) 221-91-94,*
koa@vak.tj, www.vak.tj

№ 03/205 аз «29» 04 соли 2025
Ба № _____ аз «___» ____________ соли 202_

Ба муассисаҳои илмӣ
ва таҳсилоти олии касбии мамлакат

Баркияи № 3 аз 29.04.2025

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иттилоъ мерасонад, ки тибқи дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2025, №14484 (26.5) бо мақсади бартарафсозии ихтилофу мушкилотҳои мавҷуда, мутобиқ намудани заминаҳои меъёрӣ ба талаботи замони муосир, такмили низоми арзёбии илмӣ, баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва рақобатпазирии кадрҳои илмии тахассуси олӣ бозбинии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, аз қабили Низомномаи шурои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва Тартиби додани унвонҳои илмӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар ин робита, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки таклифу пешниҳодҳои худро ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии болозикр то санаи 15 майи соли ҷорӣ ба суроғаи электронии koa@vak.tj манзур намоед.

Ҳамкории шумо ба таъмини фаъолияти бомароми шуроҳои диссертатсионӣ ва дуруст ба роҳ мондани низоми аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ мусоидат хоҳад кард.

Раис Давлатзода С.Х.